## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). – Душанбе, 2025. – 174с.**

Таҳқиқ ва омӯзиши мероси хаттии ниёгонамон аз лиҳози вижагиҳои маъноиву луғавӣ, сарфиву наҳвӣ, калимасозӣ, истилоҳнигорӣ, услубӣ аз манфиат холӣ набуда, ба мо имкон фароҳам меорад, ки аз густариш, ташаккул ва гардишпазирии воҳидҳои луғавӣ баҳра бардорем. Инчунин мо метавонем заминаҳои ташаккул ва такомули таркиби луғавӣ, омилҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забонро омӯзем ва муайян намоем. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои наҳв, хусусан, ибораҳои номӣ ва феълӣ дар мероси хаттии ниёгонамон бомаврид ва саривақтӣ мебошад.

Яке аз нависандагони бузурги адабиёти классикии тоҷик, ки осори хешро бо насри мусаҷҷаъ таълиф кардааст, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Месазад, ки вижагиҳои маъноиву луғавӣ, сохторӣ, услубӣ, морфологӣ ва наҳвии забони осори нависанда мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирад ва навгониҳо дар ин самт муайян гардад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи пажуҳиши **Тоҷидинзода Парвина** мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ дар асоси маводи осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бори аввал мавриди таҳқиқи кори диссертатсионӣ қарор гирифтааст. Ин аст, ки таҳқиқи хусусиятҳои сохторӣ, дараҷаи истеъмол ва воситаҳои алоқаи грамматикӣ дар ташкили ибораҳои номӣ дар асоси осори насрии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ имрӯз аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

**Навгониҳои илмии** диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ибораҳои номӣ дар заминаи маводи «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, хусусиятҳои

сохторӣ, воситаҳои алоқаи грамматикӣ, қолабҳоиибораорой ва навпардозиҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, дараҷаи корбурди онҳо дар қиссаву ҳикояҳо таҳлилу баррасии илмӣ шудаанд. Диққати асосӣ ба вижагиҳои сохторӣ ва қолабҳоиибораорой, инчунин таҳаввулоти сохторӣ, таснифоту танзими ибораҳо аз рӯйи алоқаи грамматикӣ равона гардидааст.

**Аҳаммияти назарии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар ҷараёни таҳқиқот вижагиҳои сохторӣ, тафовут ва қолабҳои ибораорой дар насри мусаҷҷаъ аз ҷониби диссертант ошкор карда шуданд.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионии баррасишаванда он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таълими фанҳои морфология, наҳв, истилоҳшиносӣ, инчунин дар соҳаи таърихи забон истифода карда мешаванд.

**Мақсади асосии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки хусусиятҳои сохторӣ, воситаҳои алоқаи грамматикӣ, қолабҳои ибораорой ва навпардозиҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, дараҷаи корбурди ибораҳои номӣ дар «Рисолаи форсӣ» дар такя ба сарчашмаҳои илмӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Мувофиқи мақсади асосӣ, муаллифи диссертатсия услуберо интихоб мекунад, ки ба ҳалли вазифаҳои дар назди ӯ гузошташуда мувофиқат мекунад. Дар робита ба ин, сохтори таҳқиқ мантиқӣ ба назар мерасад, ки аз муқаддима, се боби ба ҳам алоқаманд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва феҳрасти адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳияи мушкилот, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва усулҳои таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, манбаъҳои таҳқиқ, муқарраротӣ асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва дигар масъалаҳои анъанавӣ асоснок карда мешаванд.

Боби якум **«Вижагиҳои ибораҳои номӣ ва мавқеи он дар насри мусаҷҷаъ»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли якум **«Дараҷаи**

**омӯзиши иборахои номӣ»** сарчашмаҳо ва адабиёти назариявии ба мавзуъ марбут таҳлилу баррасӣ гардида, андешаҳои шахсии муҳаққиқ дар ин бахш баён шудаанд. Дар ин фасл жовтадабт дараҷаи илмӣ сайри таърихӣ намуда, ҳам адабиёти илмии муҳаққиқони ватанӣ ва ҳам хориҷиро таҳқиқ намуда, ба муҳаққиқон баҳс намуда, андешаҳои хешро бо далелҳо баён кардааст.

Фасли дувум **«Дараҷаи омӯзишу таҳқиқи насри мусаҷҷаъ дар забоншиносӣ»** уновон дошта, истилоҳи саҷъ, густариши насри мусаҷҷаъ дар адабиёти форсӣ, ҷойгоҳи насри мусаҷҷаъ дар ҷумла мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, муҳаққиқ ҷиҳатҳои забонии ин намунаи насрро таҳқиқ намуда, ҷойгоҳи онро дар ду мавқеъ: мобайн ва охири ҷумла муайян кардааст.

Фасли сеюм **«Мавқеъ ва нақши ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ»** ном дошта, дар ин фасли диссертатсия муҳаққиқ ибораҳои номии исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ ва ҷонишиниро дар дохили ҷумлаҳои сода ва мураккаб ба риштаи таҳқиқ кашида, ба хулосае меояд, ки ҷойгоҳи саъҷ дар ҷумлаҳои мураккаб намоёнтар аст ва чунин баён мекунад: « Нақши ибора дар насри мусаҷҷаъ бориз ва муҳим ва ҳатто гуфтан мумкин аст, ки калидист, зеро бори асоси мавзунияту таносуб ва оҳанги муассири гуфтор маҳз ба дӯши ибораҳост ва пораҳои ибораҳо ҳамоно пораҳои манзуми насри мусаҷҷаъ ба шумор мераванд»( саҳ. 55)

Боби дуюми рисола **«Вижагиҳои корбурди ибораҳои номӣ дар « «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли якум **«Ибораҳои содаву мураккаб дар рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ»** ном дошта, доир ба масъалаҳои сохтори ибораҳои номӣ, корбурди алоқаи грамматикӣ дар ташкили ибораҳои сода ва мураккаб бахшида шудааст. Диссертант ибораҳои сода ва мураккабро аз лиҳози истифодаи алоқаи грамматикӣ баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки дар сохтори ибораҳои сода агар як навъи алоқа мушоҳида гардад, дар ташкили ибораҳои мураккаб ду ва ё зиёда воситаи алоқаи грамматикӣ ба назар мерасад, яъне омехта..

Дар фасли дуюм **«Вижагиҳои ифода ва услуби ибора дар «Расоили форсӣ»** диссертант доир ба ҷойгоҳи ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ,

тафовути он аз дигар асарҳо ибрози назар намуда, ба хулосае меояд, ки дар матн дар ташкили ибораҳои номӣ як навъи алоқа истифода шудааст ва барои тақвияти андешаҳояш маводи фаровонеро таҳлил менамояд. Диссертатант ҳангоми таҳлилҳо ҷиддӣ ва қатъӣ фикрашро баён намуда, дар раванди кор ба хулосае меояд, ки аксарияти ибораҳо бо роҳи алоқаи изофӣ сохта шудаанд.

Фасли сеюми боби дуюм «**Таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар « Расоили форсӣ»** номгузорӣ шуда, доир ба таҳаввул дар сохтори ибораҳо, қолабҳои иборасозӣ дар асар баҳс меравад. Диссертатант бо мисолҳои фаровон муайян намудааст, ки бандакҷонишини шахсӣ-соҳибии -аш воситаи зарурии алоқаи грамматикӣ дар ин навъи ибораҳо мебошанд. Ин, албатта, хоси услуби классикист.

Боби сеюм« **Таснифи сохтории ибораҳои номии « Расоили форсӣ» аз рӯйи алоқа»** унвон дошта, ба 3 фасл ва 11 зерфасл табақабандӣ шудааст. Дар зерфасли якум **«Ибораҳои исмии пешояндӣ»** диссертант пешояндҳоеро, ки дар ташкили ин навъи ибора истифода гардидаанд, дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, ҷойгоҳи онҳоро дар сохтани ин навъи ибораҳо нишон додааст. Дар ташкили ин навъи ибораҳо истифодаи пешояндҳои **аз, дар, ба, бар, бо, барои** ва ҷонишинҳоро бо далелҳо нишон додааст.

Зерфасли дуюм доир ибораҳои сифатии пешояндӣ, нақши пешояндҳо дар ташкили ин навъи ибораҳо бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар зерфаслҳои сеюм ва чорум роҷеъ ба нақши пешояндҳо дар ташкили ибораҳои шуморагӣ ва ҷонишинӣ баҳс мекунад.

Фасли дуюми боби сеюм **«Ибораҳои номии изофӣ»** унвон дошта, ин навъи ибораҳоро ба чунин гурӯҳҳо табақабандӣ намудааст: **ибораҳои изофии исмӣ, ибораҳои изофии сифатӣ, ибораҳои изофии шуморагӣ.** Диссертант таъкид мекунад, ки дар ташкили ибораҳои номӣ алоқаи изофӣ мавқеи хосро ишғол мекунад. Муҳаққиқ ибораҳои номии ин бахшро аз лиҳози таркиби морфологӣ, муносибати маъноӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, нақши ҳиссаҳои

нуткро дар ташкили ибораҳои номӣ бо мисолҳо нишон додааст, ки ҷолиб мебошад.

Зерфасли сеюми ин боб **«Ибораҳои номии алоқаи ҳамроҳӣ»** ном дорад. Дар ин бахши диссертатсия ибораҳои номии тариқи алоқаи ҳамроҳӣ сохташуда дар асоси маводи фаровон таҳлил гардидаанд. Ин навъи ибораҳо ба чор зерфасл табақабандӣ ва таҳлил гардидаанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Тоҷидинзода Парвина фарогир асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф аст, ки дар 12 банд илман асоснок аз дастовардҳои таҳқиқ натиҷагирӣ шуда, хулоса ва пешниҳоду фарзияҳо ба таври ҷолиб, дақиқ ва фаҳмо пешниҳод гардидаанд.

Ба андешаи мо, омӯзиши вижагиҳои ибораҳои номӣ дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи «Расоили форсӣ» -и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ муҳим ва саривақтист ва он барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин самт сарчашмаи муҳим маҳсуб меёбад. Кори диссертатсионӣ бо забони сода, илмӣ навишта шуда, ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда ҳал карда шудааст.

Аммо дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мавҷуданд, ки бартараф кардани онҳо барои таҳқиқи минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ муфид хоҳад буд:

1. Дар фасли якуми боби якум «Дараҷаи омӯзиши ибораҳои номӣ» диссертант ба омӯзиши адабиёти назариявӣ пардохта, андешаҳои олимону забоншиносони хориҷию ватаниро омехта таҳлил намудааст, ки қобили қабул нест. Агар дараҷаи омӯзиши ибораҳои номиро дар зерфаслҳои ҷудогона: «Омӯзиши ибораҳои номӣ дар забоншиносии ватанӣ» ва «Омӯзиши ибораҳои номӣ дар забоншиносии хориҷӣ» таҳлил мекард, ҷолибтар мешуд.

2. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, техникӣ ба мушоҳида расиданд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст (саҳ. 20, 28, 21, 48, 49, 51, 52, 54 ва ғ. ).

3. Дар бобҳои якум ва сеюми рисола хулосаи бобҳо дар алоҳидагӣ дода нашудааст.

4. Диссертант бештар ба таҳқиқоти олимони рус такя намуда, аз пажуҳиши донишмандони тоҷик Б. Камолиддинов, М. Норматов, Х. Камолов, ки доир ба ибораҳои номӣ ва феълӣ пажуҳишҳои арзишманд кардаанд, истифода накардааст.

5. Агар дар раванди кор бо таҳқиқоти Х. Камолов «Ибораҳои изофӣ» муқоиса менамуд, натиҷаи хуб ба даст меовард.

6. Дар диссертатсия натиҷаҳои кор дар нақша ва диаграмма, ки имрӯз муҳим ва зарур аст, мушоҳида нагардид.

7. Таркиби феълии **муоина кардан** дар ҷумлаи «Бояд гуфт, ки гурӯҳҳои синтаксисӣ, пайвастҳои изофӣ ва таркибҳои пешояндиву номиро фақат аз нигоҳи аъзоҳои ҷумла муоина кардааст» (саҳ. 32) бемавқеъ аст. Ин таркиб ҳамчун истилоҳи тиббӣ истифода мегардад. Агар муродифи он феъли таркибии **баррасӣ кардааст** истифода мегардид, саҳеҳтар буд.

Камбудиҳо ва эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, арзиши илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд ва ҳалли он барои манфиати кор аст.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, аз 7 мақолаи нашршуда 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Диссертатсияи Тоҷиддинзода Парвина бо ихтисоси илмии муаллиф мувофиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ» (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти

№267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502–Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илми филологӣ, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» **Низомӣ Санавбар Фахрӣ**

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Сино, маҳалаи Навбаҳор хонаи 622.
**Тел**.: (+992) 935154029
**E-mail**: sanobarnizomova66@gmail.com
«22» апрели соли 2025

Имзои **Низомӣ С.Ф.**-ро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати рушди кадрии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» **Сафаров Б.И.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино 29/31;
Телефон: (+992) 44-600-39-77; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj, web: www. tajmedun.tj
«22» апрели соли 2025